С началом гражданской войны в Республике Таджикистан (1992–1998 гг.) сложилась ситуация, которая вызвала массовый отток квалифицированных специалистов в области проектирования и строительства за пределы страны. Политическая нестабильность, экономические и материальные трудности на протяжении длительного времени препятствовали восстановлению строительного сектора, находившегося в состоянии глубокого кризиса до конца 1990-х годов. Это привело к существенному упадку проектной деятельности и утрате престижа профессий архитектора, конструктора и строителя, что негативно сказалось на общем уровне развития отрасли.

***3.3. «Традиции и современность в монументальном искусстве (на примере резьбы по дереву в Таджикистане)».*** В третьем параграфе главы анализу подвергается искусство резьбы по дереву, которое в Таджикистане имело глубокие традиции. Исходя из этого обстоятельства рассматривается резное дерево Согда и Уструшаны, представленные замечательными произведениями резьбы по дереву эпохи раннего средневековья. Это высокое искусство благодаря непрерывному ходу преемственности традиций пережило тысячелетие и сохранилось в народном зодчестве.

Одним из первых успешных примеров сотрудничества архитекторов и народных мастеров стало строительство Дворца культуры колхоза Урунходжаева в Худжанде в 1955 году. Это событие положило начало возрождению традиций декоративного оформления интерьеров крупных

зданий, в создании которых активно участвовали народные мастера, вносящие в проекты уникальные художественные элементы.

С обретением Независимости Таджикистана в 1991 году сотрудничество народных мастеров, художников и архитекторов вышло на новый уровень. Примером этого является национальный общественно-торговый центр «Ориёно» в Исфаре, построенный в 2000 году. Этот центр с чайханой на 200 человек стал примером гармоничного сочетания архитектурных решений с традиционным искусством, разработанный под руководством Б. Юсупова и А. Сатторова.

Еще одним успешным примером сохранения традиционной архитектуры является национальная чайхана в Хороге, построенная в 2009-2010 годах на излучине рек Гунта и Шахдары. Она расположена в уникальной природной среде высокогорного ботанического сада Центральной Азии. Также архитектурной достопримечательностью города Дангары является чайхана «Хуррамшахр», спроектированная С. Азизовым и Х. Фозиловым, и расположенная на юго-восточной границе центрального парка.

**3.4.** ***«Опыт проектирования и строительства в Республики Таджикистан после суверенизации в 1991 году».*** В четвертом параграфе проводится анализ архитектурных объектов, которые символизируют таджикское государство и служат его визитной карточкой на международной арене, обладая при этом ярко выраженными признаками уникальности и индивидуальности.

В связи с этим уделяется внимание детальному рассмотрению произведений синтеза архитектуры и монументального искусства, а именно, мемориальному комплексу Национального согласия и возрождения Таджикистана на площади Дусти в Душанбе. Мемориальный комплекс с центральной скульптурой Исмоила Сомони стал ключевым шагом в формировании нового центра Душанбе и определении его градостроительных приоритетов.

Одним из знаковых сооружений начала XXI века в столице таджикского государства является Дворец нации, предназначенный для размещения официальной резиденции главы государства в Душанбе и проведения важных государственных встреч. В работе анализируется объемно-пространственная композиция этого значимого сооружения, в котором гармонично воплощена идея синтеза восточных и западных архитектурных традиций, а также выражена преемственность культурных и художественных направлений.

Одним из основных выводов третьей главы является то, что архитектура и монументальное искусство Республики Таджикистан в конце 1990-х-2021 гг. отмечается возрастанием интереса к образности сооружений, к наследию прошлого. Причем современная архитектура Республики Таджикистан развивается в контексте культурного обмена с соседствующими государствами, что содействует интеграционным процессам на мировой арене. Внедряются новые теории и технологии, улучшая подходы к освоению городской и природной среды.

## ЗАКЛЮЧЕНИЕ

Таким образом, рассмотрение в диссертации проблем преемственности и инновации традиций в архитектуре и монументальном искусстве Таджикистана в период древности и средневековье за 90 - летний период (1924-2021 гг.) было невозможно без привлечения исторического материала. И это глубоко закономерно, ибо нынешнему поколению архитекторов надо знать, как тысячелетиями вырабатывались формы народного зодчества, путем преемственности и обновления традиций. В лучших памятниках таджикского зодчества нашли свое отражение не только интересы господствующего рабовладельческого, или феодального классов, а художественные вкусы и симпатии архитекторов, но и народные чаяния. Изучение народных архитектурных традиций позволяет эффективно использовать местные материалы и художественные элементы, придавая зданиям уникальность, снижая стоимость и улучшая качество строительства.

### Основные научные результаты диссертации

Суммируя общий итог проведенного исследования преемственности и инновации традиций в архитектуре и монументальном искусстве Таджикистана 1924-2021 гг., можно выделить ряд основных положений:

1. Центральная Азия сохраняет свои культурные традиции, которые отличаются как от античного наследия древних народов региона, так и от позднесредневекового мусульманского искусства Ближнего Востока, что придает местному искусству и архитектуре уникальные особенности [8-А].

2. Школы ремесленников Центральной Азии сыграли ключевую роль в развитии архитектуры и искусства, создавая уникальную традицию синтеза пластических искусств, что отразилось в специфических стилевых особенностях этих произведений [5-А; 9-А].

3. На протяжении продолжительного времени сохранялись и развивались выдающиеся традиции национального архитектурного декора, основанные на преемственности с архитектурными приемами Ахеменидского Ирана [7-А; 8-А].

4. Исторические взаимовлияния и взаимодействия народов Центральной Азии, включая Таджикистан, Закавказье и Зарубежный Восток, начиная с древности, стали основой для продолжения архитектурных и художественных традиций, что способствовало появлению инновационных решений в архитектурной практике прошлого [5-А].

5. Архитектура Таджикистана периода Советской власти прошла три этапа развития:

- первый этап (1917-1930 гг.) связан с зарождением национального самоопределения и началом формирования нового направления в развитии современной архитектуры и искусства;
- второй этап (1930-1950-е гг.) характеризуется поздним формированием стиля конструктивизма в период с 1930 по 1935 гг. Также заметно появление

нового стиля, который ориентирован на использование классических форм в синтезе с национальными декоративными образами и темами в период с 1935 по 1955 гг.;

- третий этап (середина 1950-х – вторая половина 1980-х гг.) характеризуется изменением отношения к архитектурному наследию в связи с внедрением и развитием научно-технической революции в архитектуре и строительстве. Разделен на три подпериода, которые обладают своими характерными чертами в отношении к архитектуре и монументальному искусству [2-А; 5-А].

6. Эволюция архитектурных и художественных традиций в Таджикистане представлена разнообразными творческими подходами к взаимодействию с наследием прошлого:

- 1917-1930 гг. - проявление интереса к народному опыту;

- 1930-1935 гг. - отрыв от традиций и стремление к поиску нового образа зданий в позднеконструктивистском стиле;

- 1938 - до середины 1950-х гг— синтез европейских классических форм с национальными декоративными элементами искусства;

- в конце 1950-х - начале 1990-х гг. — возрождение традиций зодчества с учетом современных реалий [2-А].

7. С конца 1990-х годов и до 2021 года в архитектуре и монументальном искусстве Республики Таджикистан наблюдается усилившийся интерес к символике сооружений и сохранению наследия прошлого. Этот период требует осознания объективных закономерностей, определяющих формирование архитектурного образа [3-А; 8-А].

8. В конце 90-х годов XX века и в первых десятилетиях XXI века в творческой среде Таджикистана появляется понимание архитектуры как совокупности материальных объектов, отражающих влияние природных условий, экономики, истории и народных традиций. Этот подход получил название регионализма [5-А].

9. Актуальное направление развития архитектуры в Таджикистане формируется в контексте культурного взаимодействия с соседними странами и включения в мировые инициативы в вопросах укрепления сотрудничества. Данный процесс также находит свое отражение в практике освоения среды, где успешно интегрируются современные архитектурные и градостроительные концепции и новые технологии [6-А; 9-А].

10. Поиск уникальности национального стиля в архитектуре общественных сооружений привел к формированию разнообразных течений и школ, основанных на использовании богатых традиций прошлого. Одно направление отказывается от прямого воспроизведения национальных традиций, ориентируясь на современные технологии и конструкции. Другое исследует возможности синтеза традиционного и современного в архитектуре. Этот творческий эксперимент в свою очередь распался на две школы: одна из них

ориентирована на ассоциативно-образное восприятие традиционных архитектурных форм [5-А].

11. Начиная с конца 80-х гг. истекшего века и начала нового тысячелетия в Таджикистане происходит обращение к региональному своеобразию, местным традициям таджикской культуры; возрождению и изучению региональных особенностей и традиционной культуры народов на территории государства [4-А].

**Рекомендации по практическому использованию результатов:**

1. Архитекторы должны сочетать регионализм с критическим осмыслением истории, создавая современные сооружения, которые уважают традиции, но отвечают актуальным потребностям и эстетике.

2. Национальная архитектура и искусство должны восстанавливать художественную целостность и гармонию среды, объединяя процессы индивидуализации и глобализации в современном творчестве.

3. Примерами из практики строительства зданий и сооружений в течение последних 60-лет, отвечающих синтезу критического историзма и регионализма в условиях Таджикистана являются: чайхана «Рохат» (1958-59 гг.); административные здания КНБ и МВД Таджикистана по улице Дзержинского в г. Душанбе (1980-е гг.); Центр исмаилизма в г. Душанбе, 2006 г. и др.

4. Для формирования архитектуры, отвечающей духу современного демократического общества, требуется свобода творчества, освобожденная от стандартов. Гармония и покой являются ключевыми элементами, способствующими обмену информацией на мировом уровне. Эта тенденция подкрепляется автоматизацией всего процесса проектирования и строительства. Требуются также архитекторы с высокой квалификацией и талантом, способные проводить эксперименты, осуществлять научный анализ и извлекать уроки из архитектурного наследия предыдущих эпох.

5. Региональность в архитектуре не ограничивается простым воспроизведением исторических форм или их ассоциацией, а также методами строительства прошлого. При формировании национальной архитектуры требуется проведение критического анализа истории местного зодчества, творческое толкование этой истории, а также внимание к взаимосвязи между концепциями «регионализма» и нового историзма.

6. Практики-архитекторы республики обязаны формировать архитектуру будущего Таджикистана с чистым творческим подходом, искренностью и глубокой ответственностью за судьбу национальной архитектурной идентичности. Эта идентичность должна быть уникальной, не подчиняющейся временным модным тенденциям в архитектурной области, а обладающей собственным уникальным обликом.

**Основное содержание диссертации изложены в следующих публикациях:**

*Статьи, в изданиях, рекомендуемые ВАК при Президенте Республики Таджикистан:*

[1-А] **Джурахонов С.Ш.** Проблемы поиска национального своеобразия архитектуры Таджикистана в начале III тысячелетия [Текст] / С.Ш. Джурахонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия: История и археология - 2019. - № 6 728.03 (575.3) – С. 37-42.

[2-А] **Джурахонзода С.Ш.** Анализ практики проектирования и строительства монументальных произведений архитектуры и искусства в годы советской государственности [Текст] / С.Ш. Джурахонзода // Вестник Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни Серия: История и археология. – 2022. - №4 (99). – С. 295 - 302.

[3-А] **Джурахонов С.Ш.,** Мукимов Р.С, Мамаджанова С.М. Проблемы развития архитектуры и монументального искусства Таджикистана в годы независимости // Политехнический вестник. Серия Инженерные исследования. – 2018. – № 4 (44) – С. 206-210.

[4-А] **Джурахонов С.Ш.,** Мукимов Р.С., Шерматов М.У. Традиции организации внутреннего пространства жилищ в народном зодчестве Таджикистана [Текст] / С.Ш. Джурахонов // Вестник КРСУ (Кыргызско – Российского Славянского Университета). -2018.- Том 18. - № 8. - С. 116 – 120.

*Монография:*

[5-А] **Джурахонов С.Ш.,** Мукимов Р.С. Преемственность и инновации традиций в архитектуре и искусстве Таджикистана (1924-2015 гг.). // Монография. – Душанбе: ТТУ им. акад. М.С.Осими, 2018. – 163 с., 189 ил.

*Статьи в материалах конференций:*

[6-А] **Джурахонов С.Ш,** Мукимов Р.С. Проблемы и перспективы устойчивого развития горных регионов [Текст] / С.Ш. Джурахонов // Материалы междун. научно-практич. конфер. «Опыт, проблемы и перспективы повышения качества строительных работ на основе лучших отечественных и зарубежных практик». - Часть 1. – Душанбе - 2018. – С. 77-85.

[7-А] **Джурахонзода С.Ш.** Материалы Международной научно-практической конференции [Текст] / С.Ш. Джурахонзода // "Архитектура и градостроительство Таджикистан: Вчера, сегодня, завтра" //Синтез искусств и архитектуры в средневековье на территории распространение таджикского народа Душанбе, 2022. – С. 18-21.

[8-А] **Джурахонзода С.Ш.,** Шарифзода Д. Культурное взаимодействие народов в исторических прошлых странах Центральной Азии [Текст] / С.Ш. Джурахонзода, Д. Шарифзода // Материалы Международной научно-практической конференции "Архитектура и градостроительство Таджикистана: Вчера, сегодня, завтра". Душанбе, 2022. – С. 21-23.

[9-А] **Джурахонзода С.Ш.** Искусство как эстетический феномен [Текст] / С.Ш. Джурахонзода // Национальная академия наук Таджикистана. Институт изучения проблем стран Азии и Европы. / научный журнал: АЗИЯ И ЕВРОПА РТ. № 3 (15). - Душанбе-2023. – С.182 - 186.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

УДК 72.03 (575.3) *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ҶУРАХОНЗОДА Сироҷиддин Шамсулло**

# ДАВОМНОКӢ ВА НАВОВАРӢ ДАР АНЪАНАҲОИ САНЪАТИ МЕЪМОРӢ ВА МОНУМЕНТАЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1924 - 2021

## АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси
**05.23.20** - Назария ва таърихи меъморӣ, тармим
ва бозсозии мероси таърихию меъморӣ

Душанбе - 2025

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи “Меъморӣ ва шаҳрсозӣ”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Муқимов Рустам Самадович,** доктори меъморӣ, профессори кафедраи «Дизайни муҳити меъмори ва тармим»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Уралов Ахтам Синдарович,** доктори илмҳои меъморӣ, профессори Донишгоҳи давлатии меъморӣ ва сохтмони Самарқанд ба номи Мирзо Улуғбек, Ҷумҳурии Узбекистон |
| | **Додхудоева Лариса Назаровна,** номзади илмҳои санъатшиносӣ, доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи этнологияи антропологияи таърихии Иниститути таърих, археология ва мардумшиносии ба номи А. Дониш академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. |
| **Муассисаи пешбар:** | Корхонаи воҳиди Давлатии “Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии сохтмон ва меъморӣ”–и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. |

Ҳимояи диссертатсия санаи «22» апрели соли 2025, соати $14^{00}$ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-027 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, бо суроғаи 734042, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо $10^{А}$ баргузор мегардад. E-mail: dis.sia@mail.ru

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхона ва сомонаи www.ttu.tj Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С Осимӣ, шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи “_____” марти с. 2025 ирсол шуд.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори PhD Шокиров Р.М.

## Муқаддима

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти мазкур ба истифодаи анъанаҳои навшуда ё ба таври дигар анъанаҳои навоварона дар меъмории бинову иншоот бо мақсади дарёфти тимсоли тоҷикона ва эътирофи асолату мероси ғанӣ дар онҳо равона шудааст. Аз ин рӯ тамоюлҳои муосир дар тарҳрезӣ ва сохтмон маҳз барои муайян кардани симову тобиши миллӣ дар меъморӣ ва санъат равона шудаанд.

Барои ҷамъбасти гуфтаҳои боло, мубрамии мавзӯи таҳқиқотро метавон бо омилҳои зерин асоснок кард:

- зарурати муайян намудани принсипҳои асосии минтақавӣ ва ҳусусиятҳои миллии минтақае, ки маҳз дар онҷо меъмории миллӣ ва санъати монументалӣ ташаккул ёфтааст;
- зарурати дарк намудани тамоюлҳои пешбари эҷодӣ дар навоварӣ ва давомнокии анъанаҳо дар таҷрибаи лоиҳакашӣ ва сохтмон дар қаламрави Тоҷикистон дар марҳалаҳои гуногуни таърихии ташаккули меъмории тоҷик ва санъати монументалӣ дар давраи давлатдории шуравӣ;
- таҳияи равишҳои назариявию методологӣ бо мақсади ҳалли масъала оиди давомнокӣ анъанаҳо дар мавриди истифода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- зарурати таҳлили мархалаҳои инкишофи давомнокии анъанаҳои меъморӣ ва санъат дар минтақаҳои маданияти тоҷик паҳнгардида ва бевосита дар ҳудуди сарҳадҳои Тоҷикистон дар солҳои 1924-2021 ва арзёбии интиқодии онҳо;
- зарурати муайян намудани роҳҳои рушди меъморӣ ва санъати монументалии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳиб гаштан ба истиқлолияти давлатӣ дар соли 1991;
- зарурати таҳлили моҳият ва навоварии анъанаҳо дар меъморӣ ва санъати Тоҷикистон;
- дида баромадани раванди давомнокӣ анъанаҳо дар асоси таҳлили осори меъморӣ- бадеии муосир, инчунин хусусиятҳои эҷодиёти муаллифони онҳо (меъморону монументалистон).

**Дараҷаи таҳлили илмии мавзуъ.** Дар санъатшиносӣ ва таҳқиқоти таърихӣ- назариявӣ оид ба мероси меъморӣ ва бадеии кишварҳои Осиёи Марказӣ (ҳудуди ҷумҳуриҳои собиқ шӯравии Осиёи Миёна ва Қазоқистон) маводи кофӣ ҷамъ оварда шудааст, ки дар осори олимони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ инъикос гаштаанд. Дар байни онҳо «Таърихи умумии меъморӣ» дар 12 ҷилд, «Таърихи умумии санъат» дар 6 ҷилд, “Фарҳанги луғат ва маълумот” дар 5 ҷилд, «Санъати кишварҳо ва халқҳои ҷаҳон» ва дигарро номбар кардан мумкин аст. Аммо дар ин интишорот, бо вуҷуди густурдагиашон, масоили давомнокӣ ва навовариҳо дар анъанаҳои меъморӣ ва санъати тасвирӣ ба пуррагӣ инъикос наёфтаанд.

Дар низомсозӣ ва равшанандузӣ ба мероси бузурги таърихӣ, меъморӣ ва бадеии кишварҳои Осиёи Марказӣ олимони рус ва шуравӣ аз ҷумла В. Бартолд, В. Л. Воронина, Б. В. Веймарн, Л. Бретанитский, Л. Ремпел, П. Захидов, В.Н.К. Хмелнитский, С.М. Ҳакимов, Р. Муксинов ва Р.

Муксинова, Б. Глаудинов ва дигарон саҳми бузург гузоштанд. Ҳар як муаллиф оиди қонуниятҳои инкишофи санъат ва меъморӣ, таомул ва давомнокӣ анъанаҳои Осиёи Марказӣ дарки худро тафсир кардааст. Ҳамин тариқ, ҷанбаъҳои навъшиносии рушди меъмории Шарқи мусулмониро В. Л. Воронина баррасӣ намудааст. Масоили ҳувияти маҳаллӣ ва пайдоиши онҳо дар меъмории Шарқи Наздик дар асарҳои Н. Брунов инъикос ёфтаанд. Дар «Очеркҳо оиди таърихи меъморӣ» -и Н. Брунов меъмории кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна, ки дини исломро пазируфтаанд, ҳамчун як падидаи ҷомеъ баррасӣ шудааст, ки дар он давомнокӣ ва (таомули) муносибатҳои мутақобилаи анъанот яке аз равияҳои пешқадам дар меъморӣ ва санъат ҳисобида мешаванд.

Соли 1974 асари Б. В. Веймарн «Санъати кишварҳои араб ва Эрони асрҳои VII-XVII» ба чоп расид, ки дар он ба санъати меъмории асримиёнагии эронӣ ҳамчун ба ҷузъи ҷудонашавандаи санъати ҷаҳонӣ назарандозӣ шуда, муаллиф маҳз ҳунари тасвириро яке аз масоили ҳалталаби таърихии санъати ҷаҳонӣ меҳисобад ва кушиш намудааст. Онро аз ҷиҳати марбут буданаш ба дигар масъалаҳои эҷодиёти бадеии Шарқи Наздик ва Миёна дар давраи феодализм, минҷумла аз ҷиҳати таомули суннатҳои меъморӣ ва санъат барасӣ намояд.

Меъмор А. Раллев меъмории Шарқи Наздик ва Миёнаро мавзӯи таҳқиқоти худ қарор додааст. Вай вижагиҳои ташаккули меъмории ин минтақаҳоро дар заминаи меъмории ҷаҳонӣ ошкор намуда, ҳамзамон як қатор консепсияҳои аслии илмиеро пешниҳод мекунад, ки ба ташаккули ёдгориҳои барҷаста, қасрӣ ва дигар меъмориҳо дар заминаи таомули анъанаҳои меъморӣ-бадеӣ бахшида шудаанд.

Оид ба меъмории Осиёи Марказии давраи қадим ва асрҳои миёна миқдори зиёди адабиёти илмӣ вуҷуд дорад, ки дар байни онҳо асарҳои муҳаққиқон Б.Я. Ставиский, С.П. Толстова, Б. Н. Засипкина қобили қайд мебошанд. Хусусиятҳои конструктивии манораҳои Осиёи Миёна дар асарҳои А. Прибиткова, В. Воронина, Г. Пугаченкова, В. Нилсен, А. Асанов ва дигар муаллифон таҳқиқ шудаанд. Ҳарчанд дар дисертатсияи мазкур қазоват ба масъалаҳои рушди меъмории қадим ва асрҳои миёна дар Осиёи Марказӣ ҳаҷми ночизеро ишғол мекунад, вале қобили қайд аст, ки барои дарки манбаъҳои давомнокӣ ва таомули анъанаҳо, тафовути онҳо аз инкишофи меъморӣ ва санъат дар мамлакатҳои Шарқи Наздик ва дур ва ҳатто Аврупои Ғарбӣ омӯзиши рисолаҳои илмии муаллифони номбурда аз фоида холӣ набуд.

Ба таҳлили масъалаҳои инкишоф ва муносибатҳои байниҳамдигарии меъмории Осиёи Марказӣ дар асрҳои I-XII, муҳаққиқон Н. Бачинский, Б. Литвинский, Л. Ремпел, Л.Ю. Манковская, К. Крюков, М. Булатов, Е.Н. Немцева, П. Зоҳидов, Д. Нозилов, М.К. Аҳмадов, Р. Муқимов, С.М. Мамадҷонова, Р. Муксинов, Б. Глаудинов ва дигарон дар сатҳи гуногун равшанӣ андохтаанд ва номгӯи асарҳои онҳо дар руйхати адабиёти рисола оварда шудааст.

Адабиёти хориҷии марбут ба масоили гуногуни меъморӣ ва санъати Осиёи Марказӣ чандон зиёд нест ва асосан ин асарҳо (Ф. Зарре, А. Гайе, Э. Диц, А. Саладин, Ф. Мартин ва ғайраҳо), ва асарҳои минбаъда (К. Кресвел, М. Димант) оид ба санъати кишварҳои Шарқи исломӣ мебошанду дар онҳо меъморӣ ва санъати кишварҳои Осиёи Марказӣ дар алоҳидагӣ баррасӣ нашуда, балки дар маҷмӯъ бо таърихи санъати Салҷуқони Осиёи Хурд ва сулолаи Темуриён иншо шудаанд.

Асарҳо ва таҳқиқотҳои дар боло зикршуда ҳамдигарро пурра менамоянд, манзараи умумии давомнокӣ ва таомули анъанаҳои Шарқи Наздик ва Миёна, аз ҷумла Осиёи Марказиро ба вуҷуд меоваранд. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки оид ба масоили рушди давомнокӣ меъморӣ ва санъати монументалӣ дар марзи Тоҷикистон бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои нуфузи тарафайн ва давомнокӣ анъанаи меъмориву санъат таҳқиқоти мақсадноки илмӣ гузаронида нашудааст. Маҳз ҳамин боиси муайян шудани самти таҳқиқоти диссертатсионии мо гардид.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯи диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мувофиқа бо кори илмӣ-тадқиқотии буҷавӣ-давлатии кафедраи “Меъморӣ ва Шаҳрсозӣ” –и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (минбаъд ДТТ ба номи ак. М.С.Осимӣ) таҳти унвони “Назария, таърих ва санъати монументалии Ҷумҳурии Тоҷикистон: анъанаҳо ва мушкилоти муосир дар солҳои 2017-2021 боби 12: “Меъморӣ ва санъати монументалии Тоҷикистон дар асрҳои XX – аввали XXI: анъана ва масоили замони муосир” анҷом дода шудааст.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Мақсади таҳқиқот.** Омӯзиш ва муайян кардани анъанаҳои меъморӣ-бадеии Тоҷикистон дар рушди таърихии меъморӣ, бо назардошти давлатдории шуравӣ ва соҳибихтиёрӣ дар давраи солҳои 1924-2021, таҳлил кардани таҷрибаи меъморӣ-бадеии шаклгирии биноҳои ҷамъиятӣ дар шаҳрҳои навбунёд ва таърихӣ, дарки равишҳои асосии эҷодӣ дар ҳалли масоили навоварӣ ва давомнокӣ дар анъаноти меъмории санъати муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф гузориш ва ҳалли вазифаҳои зерин зарурат дошт:

- ихтирои равишҳои назариявӣ-методологӣ оиди ҳалли масоили ворисияти анъанаҳо дар мавриди истифода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- пайгирии рушди меъморӣ ва санъат дар марзи Тоҷикистон дар давраҳои қадим ва асримиёна, ҳамчунин дар давраи давлатдории шуравӣ ва соҳибихтиёрии ҶТ (солҳои 1924-2021);
- мавриди омузиш қарор додани марҳилаҳои рушди меъморӣ ва санъати Тоҷикистон дар давраҳои гузаштаву муосир ва арзёбии интиқодии онҳо;
- дарёфти тамоюлҳои дар гузашта ташаккулёфтаи навгониҳо ва давомнокии анъанаҳо дар таҷрибаи лоиҳакашӣ ва сохтмон дар ҳудуди Тоҷикистон;

• муайян кардани роҳҳои инкишофи эҳтимолии меъморӣ ва санъати монументалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои ҳазораи сеюм;

• мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додани моҳияти навоварӣ дар анъанаҳои меъморӣ ва санъати Тоҷикистони муосир.

• муҳокимаи тазоҳуроти раванди муттасилӣ дар асоси таҳлили эҷодиёти гурӯҳи меъморон ва рассомони монументалист.

**Объекти таҳқиқот**. Объекти таҳқиқот муҳити таърихию меъмории шаҳру навоҳии Тоҷикистон, лоиҳаҳо, маҷмааҳои сохташуда ва осори санъати монументалӣ дар давраи солҳои 1924-2021 мебошад.

**Предмети таҳқиқот:** навоварӣ, давомнокӣ ва ташаккули анъанот дар меъморӣ ва санъати монументалӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони таърихӣ ва давраи давлатдории Шуравиву Соҳибихтиёрӣ.

**Ҳудуди омӯзиш** дар асоси хусусиятҳои объекти таҳқиқот муқаррар шудааст.

Ҳудудҳои марзӣ- ҳудуҳои ҳозираи Тоҷикистон.

Ҳудудҳои хронологӣ - давраи ташаккули раванди давомнокӣ ва таъсири мутақобилаи анъанаҳо дар гузашта бо назари таваҷҷуҳ ба меъмории шуравӣ (сс.1924-1991), ҳамчунин инкишофи меъморӣ ва санъати монументалии Тоҷикистони соҳибистиқлол (с.с. 1991-2021).

**Навгонии илмии таҳқиқот инҳоянд**:

• дар асоси таҳлили принсипҳои умумии меъморию бадеии давраи давлатдории Шуравӣ, инчунин баъди соҳибхтиёрии давлати тоҷикон, мазмуни давомнокӣ ва (таъомули) таъсири тарафайни анъанаҳои меъморӣ ва санъати монументалӣ ба таври нав шарҳ дода шуд;

• тағйирот дар инкишофи замонии меъморӣ ва санъат дар давоми нӯҳ даҳсола, яъне аз соли 1924 то соли 2021 такмил ва таҳлил гардид;

• асноди қаблан чопнашуда ва санадҳои номаълуми архивӣ, асноди графикӣ ва маводи аккосии объектҳои меъморӣ ва санъати шуравии Тоҷикистон ба муомилоти илмӣ шомил карда шуданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии кор**. Омӯзиши давомнокӣ дар меъморӣ ва санъат имкон фароҳам овард, ки анъанаҳои нисбатан пойдори бадеӣ ва меъморӣ, ки дар шароити сохтмони муосир дар шаҳру деҳоти давлати тоҷикон аҳамияти амалӣ доранд, муайян карда шаванд.

Як қатор объектҳои муайян ва таҳлилшудаи санъати меъморию монументалӣ, барои ворид кардан ба рӯйхати мероси фарҳангии дорои аҳамияти шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта тавсия шуданд.

**Барои дифоъ муқаррароти зерин пешниҳод карда мешаванд**:- хусусиятҳои рушди меъморӣ ва бадеӣ, ҳамкории тарафайн ва навоварӣ дар анъанаҳо дар замони қадим ва асримиёна, ҳамчунин дар давраи давлатдории Шуравӣ ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон;

• муҳтавои давомнокӣ дар меъморӣ ва санъати монументалии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• аломатҳои маҳаллии муҳити меъморӣ дар шароити Тоҷикистон дар асрҳои XX-ибтидои XXI;

• таҳлили меъмории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX то соли 2021 ва баҳои воқеии он дар асоси ҷустуҷуи самаровари хусусияти миллӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур.** Муътамадии натиҷаҳои ба дастовардашуда пеш аз ҳама аз рӯи усули анъанавии таҳқиқот, ки омузиши саҳроии асарҳои меъморӣ ва санъати монументалиро дар бар мегирад (андозагирӣ, муоинаи басирӣ, аксбардоӣ, расмкашӣ ва дигар), инчунин таҳлилҳои муқоисавии натиҷаҳои бадастомада бо таҳлилҳои муҳаққиқони варзида собит мегардад.

Диссертатсия ба шиносномаи тахассуси илмии 05.23.20 – Назария ва таърихи меъморӣ, тармим ва бозсозии мероси таърихию меъморӣ мувофиқат менамояд.

Формулаи тахассус-асосҳои илмии назария ва таърихи меъморӣ. Соҳаи таҳқиқот- назария ва таърихи меъморӣ.

**Саҳми шахсии муаллиф** иборат аст аз тайёр кардани методикаи таҳқиқот, ҷамъоварии маводҳо бевосита дар маҳалҳои таҳқиқот (зиёда аз 50 маҳали меъморӣ ва санъати монументалии шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Исфара, Кӯлоб ва дигар), иштирок дар таҳлилу таҳрири маводҳои бадастомада, хулосабарорӣ ва тайёр кардани мавоҳо барои нашр, тадвини хулосаҳои асосӣ бо мақсади минбаъд баамалбарории натиҷаҳои таҳқиқот.

**Тасвибияти натиҷаҳо ва баамалбарории кор.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳо ва семинарҳои гуногунсатҳ ба тасвиб расонида шудаанд. Аз ҷумла:

**Тасвибияти натиҷаҳо ва баамалбарории кор.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳо ва семинарҳои гуногунсатҳ ба тасвиб расонида шудаанд. Аз ҷумла: дар конфронсҳои байналмилалии илмӣ-амалӣ "Таҷриба, мушкилот ва дурнамои баланд бардоштани сифати корҳои сохтмонӣ дар асоси таҷрибаҳои беҳтарини ватанӣ ва хориҷӣ" (Душанбе, 2018); "Меъморӣ ва шаҳрсозии Тоҷикистон: дирӯз, имрӯз, фардо" (Душанбе, 2022); дар конфронсҳои ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ: "Дурнамои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (душанбе, 2023); “Саҳми занон дар рушгди илму маорифи Тоҷикистон” (Душанбе, 2023 с.).

Маводҳои ҳангоми таҳқиқот ба даст омада ба ҳисоботи мавзӯи буҷаи давлатии кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи “Меъморӣ ва дизайн”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар чаҳорчубаи мавзӯи “Назария, таърихи меъморӣ ва санъати монументалии Ҷумҳурии Тоҷикистон: анъанаҳо ва мушкилоти муосир” дар давраи аз с.2016 то 2020 с. ворид карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми омода сохтани васоити методӣ ва тавсияҳо дар бобати иҷрои вазифаҳои ҳатмӣ оид ба наққошӣ, муҷассамасозӣ, расмкашӣ барои лоиҳаҳои корҳои курсӣ аз рӯи тахассуси 6901-01 “Меъморӣ”, кафедраи “Меъморӣ ва шаҳрсозӣ”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ истифода бурда

шуданд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба ҳисобот аз руи мавзуи буҷаи давлатии КИТ-и кафедраи “Меъморӣ ва дизайн”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар чаҳорчубаи мавзӯи “Назария, таърихи меъморӣ ва санъати монументалии Ҷумҳурии Тоҷикистон: анъанаҳо ва мушкилоти муосир” дар давраи аз с.2016 то 2020 с. ворид карда шуданд.

**Интишорот.** Доир ба мавзӯи диссертатсия 1 монография, 4 мақола дар конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявию байналмилалии ва 4 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия бо ҳаҷми 130 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, муқаддима, се боб, хулосаи умумӣ ва пешниҳодот, руйхати адабиёти истифодашуда бо миқдори 162 адад, сомонаҳои электронӣ, ба шакли маводи тасвирӣ замимаҳоро дар бар мегирад. Маводи тасвирӣ аз 75 расм, феҳристу ҷадвалҳо, ки мувофиқи сохтори диссертатсия ба низом дароварда шудаанд, иборат мебошад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима аҳамияти илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду ҳадафҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти амалии таҳқиқи диссертатсионӣ, мӯътамадии натиҷаҳои ба даст овардашуда ва саҳми шахсии муаллиф муайян шудаанд.

Фасли аввал аз се боб ва хулосаҳои умумӣ иборат аст.

**Дар боби 1-уми диссертатсия «ДАВОМНОКӢ АНЪАНАҲО ДАР РУШДИ МЕЪМОРӢ ВА САНЪАТИ МОНУМЕНТАЛӢ ДАР ҲУДУДИ ТОҶИКИСТОН (ДАВРАИ ҚАДИМ ВА АСРҲОИ МИЁНА)»** равобити фарҳангии халқҳо дар таърихи гузаштаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва билкул дар сарзаминҳои паҳншавии фарҳанги тоҷикон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Боби мазкур аз се банд иборат аст.

***1.1. “Муносибатҳои тарафайни фарҳангии халқҳо дар таърихи гузаштаи Осиёи Марказӣ”*** зикр мегардад, ки омӯзиши фарҳанги миллӣ на танҳо барои дарки амиқи таърихи халқи худ, балки дар худи мо ташаккул ёфтани худшиносии миллӣ мусоидат менамояд. Муҳаққиқон бо омӯхтани расму оинҳо ба ин васила дар ҳифзи ҳувияти миллии мардум саҳм мегузоранд.

Фарҳанги кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ дар давраҳои қадим ва асримиёнагӣ дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ мақоми хосаеро ишғол мекунад, ба мисоли он, ки меъмории кишварҳои ҳамсояи ин минтақа яке аз бахшҳои муҳими меъмории ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

Меъмории Осиёи Марказӣ, ки дар давраи антиқа ва ибтидои асрхои миёна аз дастовардхои кишварҳои қадимии Бохтар, Парфия, Хоразм, Суғд, Марғиён, Фарғона ва сарзамини сакхо ғанӣ гардида буд, дар ташаккули меъмориву шаҳрсозии давраи исломӣ низ нақши бузург бозид.

Намунаҳои барҷастаи таъсири тарафайн ва ҳамкориҳои созанда дар ёдгориҳои меъморӣ ва санъати монументалии асрҳои миёна дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон, ки кишварҳое чун Эрон, Афғонистон, Ҳиндустони Шимолӣ, Туркистони Шарқӣ ва ғайраро дар бар мегирифтанд, дида мешаванд: қасрҳо, масҷидҳо ва манораҳо дар Торихона дар Домғон, масҷиди ҷомеъ дар Ноин, Исфаҳон, Қазвин, Басирон (Эрон), Тирмиз, Бухоро, Самарқанд, Шаҳрисабз, Хуҷанд (Мовароуннаҳр), Буст, Ҳирот, Балх (Афғонистон), Аҳмадобод, Ҷайпур, Деҳлӣ, Агра (Ҳиндустон), Туркистон ва дигар ҷойҳо исботи ин гуфтаҳоянд.

Ба ин тариқ, меъморӣ ва санъати кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус дар замони феодализм, дар ҳамин марҳилаи омӯзиши худ, доираи васеи фарҳангҳои бадеии таомулашон печидаву мураккаби бисёр халқҳоро мемонад, ки бо вуҷуди мутақобилиятҳо, тавассути назарҳои ягонаи ғоявӣ-эстетикӣ ва дар асоси онҳо пайдоиши вижагиҳои сабку услуби хос муттаҳид гардидаанд.

***1.2. Инкишофи эволюционии эҷодиёти меъморӣ- бадеӣ дар замони қадим.*** Дар банди мазкур қайд мегардад, ки умумияти муҳити табиию ҷуғрофӣ, инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ, таъсири мутақобилаи падидаҳои сиёсӣ, наздикии забониву фарҳангии халқҳои Осиёи Марказӣ ва аз ин зиёда Осиёи Миёна, барои дар ҳам танидагии зичи сарнавиштҳои таърихии онҳо мусоидат кардаанд. Хусусияти хоси сохтори қавмӣ-иҷтимоии онҳоро аз замонҳои қадим ҳамсоягӣ ва ҳамзистии муқимнишинон ва кучманчиён муайян мекарданд. Маҳз дар водиҳаҳои муқимнишинони кишоварзи Осиёи Марказӣ, аллакай дар давраи неолит сарчашмаҳои санъати сохтмонӣ ва тасвирӣ пайдо шуда буд, ки рушди минбаъдаи онҳо ба ташаккул ва синтези меъморӣ ҳамчун шакли олии санъат оварда расонд.

Шиносоӣ бо маводхои археологии чунин муҳаққиқон ба монанди: В.М. Массон, Ҷ. Мелларт, В. Ранов, Б. Литвинский, Г. Пугаченков, Д.Вилберт, П.Бернард, Б.Я. Савитский, Н. Негматов, В.И. Сарианиди, А.Ю. Ёқубов, А. Мирбобоев, В.В. Соловьев, Е.В. Ртвеладзе, И. Ахроров ва дигарон дониши моро бо нозукиҳои фарҳанги моддию бадеии минтақаи таҳқиқшаванда бо тамоми гуногуниву зуҳуроташ дар пайвандҳои таърихиву фарҳангӣ ғанӣ гардонд.

***1.3. Ташаккули раванди пайвастшавии санъат ва меъморӣ дар асрҳои миёна дар заминҳои паҳншавии халқи тоҷик.*** Дар банди сеюми боби аввал қайд мешавад, ки санъати монументалӣ ҳанӯз дар ибтидои тамаддун ҳамеша меъмориро ҳамроҳӣ мекард ва ҳатто баъзан ҷавҳари он ҳам буд. Ин санъат ба оҳистагӣ шакл мегирифт ва ҳатто дар вақти аз байн рафтани шаклҳои меъморие, ки ба онҳо куллан пайвастагӣ дошт, нопадид нагашт.

Ва танҳо тағйироти мутассил дар ниёзҳои салиқаву рӯзгор санъати монументалиро ба шаклу услуб ва масолеҳи навин дар кори сохтмон мутобиқ мегардонд. Ҳар як давру замон масолеҳи сохтмонӣ ва ороишии худро дорост. Марҳилаҳои инкишофи навъҳои пластикии санъат ва

меъморӣ бо ғояҳои техникӣ ва бадеӣ, сабқи тасвирҳо ва услуб фарқ карда, бо ҳамин хусусиятҳояшон маҷмӯи эстетикии меъмориро ташкил медоданд.

Дар ин банд қадимтарин фарҳангҳои муқимиёни кишоварз, ки сатҳи баланди шаҳрнишиниро доро буданд, чӣ дар қаламрави Тоҷикистон ва чӣ дар дигар кишварҳо пай дар пай баррасӣ шуданд. Ба ин мисол шуда метавонанд- ш. Саразм дар ҳавзаи дарёи Зарафшон, сохтмони монументалии Эрони Ҳахоманишиён дар асри VI то милод бо касрҳои ёдгории Экботоно, хонаҳои манорадори берунишаҳрӣ, мақбараҳои Дӯкони Довуд дар наздикии Сарипул, Қизқапан дар наздикии деҳаи Сурдаш, Курх-у-Кич дар наздикии ш. Сулаймония дар Эрон ва ғайра.

Аз асри VI пеш аз милод сар карда давлатҳои Хоразм, Суғд ва Бохтар ба мамолики Эрони Ҳахоманишиён ворид шуда, аз бисёр ҷиҳат суннатҳои меъмории онро қабул карданд. Ҳамин тариқ дар меъмории Бохтари Шимолӣ (ноҳияҳои Ҷануби Тоҷикистон ва Узбекистон) аз қадим истифодабарии тахтасангҳо аз гили хом ва хишти хом барои деворҳо, ба шакли даҳлез сохтани утоққои танги атрофи толори асосӣ ё саҳни ҳавлӣ, истифодаи болору тиргак ва услуби тоқсозӣ хос буд. Дар бунёди равоқу пештоқ ва сутунҳои азим услубу тартиби махсуси сутунсозии юнонӣ-бохтарӣ пайдо шуд. Дар давраҳои минбаъда омезиши санъати монументалӣ ва меъморӣ дар ёдгориҳои санъати буддоӣ зоҳир мешавад: дайри ғори Қаратеппаи асрҳои II-IV, дайри буддоии Аҷинатеппаи асрҳои VII-VIII аз мондагораҳои олии тимсолҳои динӣ шаҳодат медиҳанд.

Дар асрҳои V-VIII (ибтидои асрҳои миёна) дар Осиёи Марказӣ дар замоне, ки омезиши санъат ва меъморӣ ба қуллаи камол мерасад, меъмории нав ба мисли наққошӣ, кандакорӣ, гаҷкорӣ ба миён меояд. Ҷузъиёти меъморӣ низоми сатҳиеро ташкил дод, ки мавзуву ангезаашон ба ҳамдигар ҷӯр буд.

Комёбӣ дар санъати сохтмонӣ дар асрҳои VIII-IX (давраи Хилофати Араб ва сулолаҳои тоҷикони Тоҳириён ва Сомониён) боиси инқилоб дар шаҳрсозӣ ва меъмории тамоми Шарқи Наздик ва шукуфоии санъати ҳайкалтарошӣ гардид. Беҳтарин ёдгориҳои ин давра мақбараи Сомониён дар Бухоро (асрҳои IX-X) ва мақбараи Араб-Ота (асри X, деҳаи Тими вилояти Самарқанд) маҳсуб мешаванд, бо бино гардидани онҳо давраи меъмории суғдӣ ба итмом мерасад ва бо ҳамин ба сифати ҷадиди омезиши санъату меъморӣ, ки шукуфоии камоли он баъдан ба назар мерасад, ибтидо гузошта мешавад.

Минбаъд дар банди мазкур ёдгориҳои асри XI – аввали асри XIII , ки дар замони бадалшавии услубҳои умумии хилофатӣ ва қадимии маҳаллӣ бо сохту услубҳои нав сохта шудаанд, баррасӣ мешаванд. Ин навгониҳо низоми комили нақшу нигори ислимӣ ва ҳандасиро пеш меоранд.

Омезиши санъат ва меъмории Осиёи Марказиро дар асрхои XIV – XVII, пас аз истилои муғул ба таври умум як эҳёи санъат ҳисобидан мумкин аст. Дар натиҷаи ҳамкориҳои ҳунармандони маҳаллӣ ва аз хориҷ омада дар охири асри XIV дар тамоми Шарқи Наздик мактаби ягонаи

ҳунари бадеӣ ба миён меояд. Дар раванди талошҳо барои омезиши санъатҳо (ғайр аз ҳайкалтарошӣ) дар Ҳирот, Машҳад, Шероз ва Самарқанд беҳтарин эҷодкориҳои ин давра офарида шудаанд.

Барои ороиши биною иншоот ба ғайр аз намудҳои рӯйпӯшӣ, наққошии деворӣ, унсурҳои коғазӣ (папье – маше) бо нақши барҷастаи тиллокоришуда ба шакли медалион ва гул дар рӯи тагманзари нилгун истифода мешуданд, ки ба матоъҳои бадеатан зебо шаҳодат доштанд.

Дар асри XV дар рушди меъморӣ ва услубҳои санъати ҳайкалтарошӣ ҷаҳише ба амал омад. Дар ин давра кандакории мармарӣ, наққошӣ бо истифодаи рангҳои нилгун ва тилло, баъзан бо омезиши кошин, сафолакҳои майоликӣ бо нақшу нигори нилгун дар рӯи тагманзари сафед, тақлидҳои устоҳои маҳаллӣ ба сафолакҳои кашин бо истифода аз нигори кобалт, сафолакҳои мӯҳрдор дар дохили бино ва айвонҳо, нигоришот (тасвири манзара ва нақшу нигор) бо рангҳои кабуд дар рӯи тагманзари сафед ва бо истифода аз усули кундал (тиллои рельеф) васеъ истифода мешаванд.

Дар давраи ҳукмронии хонҳои узбек (асрҳои XVI-XVII) омезиши услубҳои санъат бештар бо шаклҳои пешинаи худ ҳамҷӯранд, махсусан дар Эрони Сафавиён, Бухоро ва Самарқанд, ки дар меъмории он ҷо истифодаи гунбазҳои дуқабата, бодбонҳои сипаршакл ва ё шӯшаҳои зебои обшормонанд бартарӣ доштанд. Ҳатто замони таназзули ин санъат, ки ба асрҳои XVIII-XIX рост меояд, ҳунармандони мардумӣ малакаву одатҳои анъанавиро, ки тадриҷан коҳиш ёфта дар ҳоли маҳвшавӣ қарор доштанд, нигаҳдорӣ карданд.

Дар поёни боби аввал хулоса бароварда мешавад, ки меъморӣ ва санъати Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон дар ҳазорсолаи охир борҳо таъғири шакл кардааст. Мактабҳои устодони Осиёи Миёна (Хуросони Шимолӣ, Тохаристон, Қашқадарё, Бухоро, Самарқанд, Тошканд, Фарғона, Хоразм, вилоятҳои шимолии Туркистон) меъморӣ ва санъати замони худро ғанӣ гардонда, анъанаи маҳаллии омезиши санъатҳои ҳайкалтароширо бо услубу усулҳои ба худ хос эҷод мекарданд.

**Дар боби II «Давомнокӣ анъанаҳо дар меъморӣ ва санъати монументалии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)»** масъалаҳои давомнокӣ дар меъмориву санъати халқӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Боби мазкур аз се банд иборат аст.

***2.1. "Масъалаҳои давомнокӣ дар санъати халқӣ"*** ба миниатюраҳои асримиёнагӣ назарандозӣ шудааст, ки рассомони муосир ба онҳо бештар тақлид мекунанд. Аз ин зиёда, дар Тоҷикистони муосир рассомон ва хайкалтарошон аксар вақт ба эҳёи ёдгориҳои қадимаи санъати монументалӣ бо истифода аз шаклҳои нав даст мезананд. Ҳамин тариқ, дар шаҳри Хуҷанд дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта, дар рӯбарӯи театри мусиқии драмавӣ ба номи Камоли Хуҷандӣ, дар миёнҷои фаввораи даврашакл муҷассамаи биринҷии композитсияи «Арфанавоз» (асрҳои VII-VIII, Бунҷикат, Уструшана) гузошта шуда буд. Ва ин мисоли ягона нест.

Ба туфайли ба вуҷуд омадани асарҳои муосири монументалӣ масъалаи давомнокии анъанаҳо ба миён меояд.

Дар ин ҷода рассомони муосир бо истифода аз анъанаҳои бадеии асримиёнагии ниёгонамон дар нақшу нигори деворӣ ва кандакориҳои чӯбу тахта асарҳои нави санъати монументалӣ меофаранд, ки саҳнаҳои нақшу нигори девориро таҷассум мекунанд ва ё ҳайкалчаҳои хурди чӯбинро аз биринҷӣ месозанд, ки ба онҳо ҳамчун ёдгории санъати монументалӣ баҳогузорӣ кардан ҷоиз нест. Аз ин рӯ муаллифи рисола мафҳуми нави «давомнокӣ пинҳонӣ»-ро муаррифӣ менамояд. Дар ҳоле, ки вазъияти муосир ба таҳвили анъанаҳои бадеӣ мусоидат намекард, онҳо ҳамоно зоҳир мешуданд.

Муаллифи рисола фарз менамояд, ки давомнокӣ дар санъати монументалӣ комилан возеҳ буда, ба завқу эҳсоси раванди бадеии давомнокӣ тимсолҳои таърихан шаклгирифта, ки дар шароитҳои муайян баъзан дар шуури мардум зинда мешаванд, такя менамояд. Дар сурати нигоҳдории онҳо, қобили интизорист, ки дар ҳунарҳои мардумӣ онҳо зинда хоҳанд монд..

Аз ин рӯ тахмине ба миён меояд, ки падидаи тоҷик идомадиҳандаи бевоситаи асолати эҷодкорӣ буда, ба он ишора менамояд, ки санъати халқӣ дар заминаи анъанаҳо эҳё мегардад ва ин ба фаъолияти меҳнативу тарзи зиндагӣ алоқамандии зич дорад.

### *2.2. Давомнокии анъанаҳо дар меъморӣ ва санъати Тоҷикистони шӯравӣ (сс.1924-1991).*

Дар банди дуюм зикр мегардад, ки яке аз вижагиҳои хоси халқи тоҷик идомаи анъанаҳост. Баъдан қайд мешавад, ки дар шаҳрҳои қадимаи Тоҷикистон (Хуҷанд, Истаравшан, Исфара, Кӯлоб ва ғайра) баъд аз Инқилоби Октябри соли 1917 ҳам коргоҳҳои на чандон калони истеҳсолии сохтмон ва маҳсулоти бадеӣ бо анъанаҳои ба худ хос нигоҳ дошта мешуданд.

Баъд аз барқарории Ҳокимияти шӯравӣ аксарияти ҳунармандони халқӣ бо истифода аз анъанаҳои қадимаи санъати худ дар сохтмони Тоҷикистони Шуравӣ иштирок карданд. Дар байни онҳо устоҳои кандакорӣ ганҷ Муъминҷон Бобоҷонов, Маъмур Каримҷонов, Наим Аминов, Юсуф Қурбонов, устои наққош Абдунабӣ, дуредгар Маҳмуд Аюбов ва дигаронро номбар кардан ҷоиз аст, ки на танҳо дар сохтмони биноҳои истиқоматӣ, балки клубу чойхона, хонаҳои маданият, қироатхона, ҳаммом ва дигар иншоотҳо дар шаҳру қишлоқҳои Тоҷикистони Шимолӣ иштирок намудаанд. Хонаи истироҳатии колхози ба номи Сталини назди Ленинобод (Хуҷанд), ки соли 1945 дар ҳудуди боғи масоҳаташ 20 гектар сохта шудааст, намунаи ин ибрат мебошад .

Ҳамин тариқ, давомнокӣ анъанаҳо дар шаҳрҳои қадим зуҳуроти ногузир ва доимист. Умуман, дар меъмории Тоҷикистон дар нимаи дуюми солҳои 30-ум ва ибтидои солхои 40-ум ва баъдан дар даҳсолаи баъд аз ҷанг кӯшиши ба ҳам пайвастани шаклҳои меъмории миллӣ ва классикии

аврупоӣ ба амал омад, ки онро назарияи меъмории шуравӣ ҳамчун самти дурусттарин эътироф кардааст. Намунаи барҷастаи ин равия дар меъмории Тоҷикистон Қасри маданияти колхози ба номи С. Урунхоҷаеви назди шаҳри Хуҷанд мебошад, ки солхои 1954-1957 сохта шудааст ва онро меъмор Х. Юлдошев ва як гурӯҳ меъморони ҷавони Ленинградӣ таҳия кардаанд.

***2.3. «Таҳлили таҷрибаи лоиҳакашӣ ва бинои асарҳои монументалии меъморӣ ва санъат дар солҳои давлатдории шуравӣ.***

Руйдоди муҳиме дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ ба тарҳсозӣ (1937) ва оғози сохтмони (1939) маркази иҷтимоии бузурге дар меҳвари собиқ хиёбони ҷумҳуриявӣ (ҳоло ба номи академикҳо Раҷабовҳо) ва Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ марбут мебошад.

Дар он кушишу озмоиши меъморон барои таҷассуми ҳам нишонаҳои ба идеалҳои меъмории шӯравии замони пеш аз ҷанг ҷавобгӯӣ, ва ҳам хусусиятҳои анъанаҳои маҳаллии меъмории тоҷик ба назар мерасад.

Қариб дар як вақт бо сохтмони театр дар тарафи ҷанубии майдони театрӣ меҳмонхонаи «Вахш» бо 167 ҷой тарҳрезӣ ва сохта шуд.

Дар солҳои баъдазҷангӣ корҳои васеи сохтмонӣ оғоз ёфтанд, ки дар онҳо тамоюл ба зиннатдиҳии меъморӣ ва ороиш, ҷорӣ кардани услуби классикӣ бо назардошти мероси миллӣ мушоҳида мегардад.

Лекин равандҳои технологии истеҳсолот (лоиҳаҳои стандартӣ, сохтмони панелҳои заводӣ аз рӯи андозаҳои минималии стандартӣ ва ғ.) рафти сохтмонро суст ва мураккаб гардонданд.

Бинобар ин 4 ноябри соли 1955 Комитети Марказии ҲКИШ ва Совети Вазирони ИШ қарори махсус «Дар бораи барҳам додани исрофкорӣ дар лоиҳакашӣ ва сохтмон» қабул карданд, ки он дорои аҳамияти бузурге буд барои амалӣ гардонидани мақсадҳои эҷодии меъмории Шӯравӣ. Аз ҳамин лаҳза дар меъмории Тоҷикистони Шӯравӣ марҳалаи нав оғоз меёбад, ки ба чор давраи дохилӣ тақсим шудааст.

Минбаъд дар банди мазкур ба таври мутассил ин давраҳо мавриди таҳлил қарор дода шудаанд: охири солҳои 50-ум ва солҳои 60-ум (давраи I); охири солҳои 60-ум ва солҳои 70-ум (давраи II); солҳои 80-ум (давраи III); солҳои 90-ум ва ибтидои солҳои 2000 ум (давраи IV, давраи ҷустуҷуи хусусиятҳои миллии меъморӣ)

Ҳамчунин дар ин банд баррасӣ мешаванд асарҳои меъморӣ ва санъати монументалие, ки дар даврони тараққиёти таърихии давлатдории шӯравӣ рӯ ба ҳастӣ овардаанд. Ба монанди ҳайкали В. Ленин ( с.1926, ш. Душанбе), биноҳое, ки дар нимаи аввали солҳои 30-юм дар Душанбе бино шудаанд (Шурои комиссариати халқӣ ва Комиссариати Халқии хоҷагии қишлоқ дар кӯчаи Лоҳутӣ, ки аз рӯи лоиҳаҳои П.И. Ваулин сохта шудаанд, бинои Почтахонаи марказӣ ва кинотеатри ду толордор, пешина ҷои студияи телевизионии «Сафина» , ки аз рӯи лоиҳаҳои С. В. Кутин сохта шудаанд.

Яке аз аввалин биноҳои ҷамъиятие, ки дар асоси омезиши хусусиятҳои меъмории классикии Аврупо ва тимсоли миллии тоҷик бунёд

шуда буд, меҳмонхонаи «Сталинобод” дар шаҳри Сталинобод (ҳозира Душанбе) бо 167 ҷой буд. Меҳмонхонаро меъмор А. Антоненко ва муҳандис Д. Грекова соли 1939 дар идораи ҷумҳуриявии лоиҳакашии «Тоҷикгоспроект» тарроҳӣ намуданд, ва соли 1941 сохтмони он анҷом ёфт. Баъдан, меҳмонхона номи «Вахш» - ро гирифт.

Намуди меъмории бино (берун ва дохил) усулҳои гуногуни тарҳрезии меъморӣ ва бадеиро инъикос мекунад, ки ҳам ба меъмории халқии тоҷик ва ҳам меъмории классикии аврупоӣ хос аст.

Тақрибан ҳамзамон бо меҳмонхонаи «Вахш» сохтмони бинои дигари ҷамъиятӣ оғоз ёфт, ки сабабгори ташкилшавии майдони Театрӣ гардид ва дар меъмории Тоҷикистони Шӯравӣ дар солҳои 40-50-ум барҷастатарин ҳисобида шуд. Ин ҳам бошад бинои театри Академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнист. Лоиҳа соли 1939 тарҳ ва (меъморҳо А. Юнгер, В. Голли, Б. Билибин, рассом С. Захаров, тресті «Ленпроект», АПМ No 7) сохтмон солхои 1939-1946 амалӣ гардид.

Чойхонаи "Роҳат", ки дар хиёбони ба номи А. Рӯдакӣ ҷойгир аст, як намуди меъмории барои Осиёи Марказӣ маъмулро, ки барои муошират ва истироҳати аҳолӣ пешбинӣ шудааст, муаррифӣ менамояд ва то ҳол яке аз ҷолибтарин дар байни ин тоифаи биноҳо дар ш. Душанбе ва Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Дар охири боби мазкур хулосае пеш оварда мешавад, ки меъмории охири солҳои 50-ум ва солҳои 60-ум бо тавъамшавии одатҳои куҳнаи дар тафаккури меъморон ҷойдошта ва ҷустуҷуҳои ибтикории ҳалли масоили меъморӣ-бадеӣ тавсиф меёбад.

Давраи охири солҳои 70-ум ва аввали солҳои 80-уми асри гузашта ҳамчун давраи зуҳуроти эҳтироми хоса нисбати мероси таърихии халқи тоҷик хотирнишон мешаванд.

**Дар боби III «РУШДИ АНЪАНАҲО ДАР МЕЪМОРӢ ВА САНЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (сс.1991-2021)»** Боби мазкур аз чор банд иборат буда, меъморӣ ва санъати монументалии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолият баррасӣ шудааст.

***3.1. “Меъморӣ санъати монументалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи 30 соли Истиқлолият”*** ба он нигаронида шудааст, ки аз нимаи дуюми солхои 90-ум дар пойтахт ва дигар шаҳрҳои калони Тоҷикистон равияҳои нави меъморӣ назарнамо гардиданд, ки дар зери таъсири меъмории мамлакатҳои тараққикардаи Ғарб пайдо шуданд. Ин падида ба он вобаста аст, ки меъмории муосири Тоҷикистон як падидаи ҷудогона набуда он дар равобит бо фарҳангҳои кишварҳои ҳамсоя рушд менамояд, ҳамгироӣ ба равандҳои ҷаҳонӣ сурат мегирад, ба таҷрибаи азхудкунии муҳит назарияҳои нави меъмориву шаҳрсозӣ ва технологияҳои муосир ворид мешаванд.

Ба ҳайси намуна аз ин падида дар банди мазкур маркази фарҳангии Исмоилия дар шаҳри Душанбе мавриди назар қарор дода шудааст, ки онро тарроҳони хориҷӣ бо супориши Бунёди меъмории Оғохон барои сохтан

пешниҳод кардаанд. Бояд хотиррасон кард, ки тарроҳон як меъмории ҷадидеро ба миён оварданд, ки дар он назари интиқодӣ ба шаклу услубҳои таърихӣ ҳувайдост, ба ғайр аз ин онҳо кӯшидаанд принсипҳои минтақагароӣ ва анъанаҳои мардумиро дар омезиш истифода намоянд.

Тоҷикистони муосир аз соли 1991 ба марҳилаи ниҳоии давраи гузариш ба бунёди ҷомеаи озоду одилона ворид шуд. Ба ин марҳила замони Навтарин ном ниҳода шуд. Ин рӯйдоди бузурги тақдирсоз дар ҳаёти ҷомеаи тоҷик зарурати тадҷиди назарро ба консепсияҳои зиёде оиди таъомули меъмориву санъати монументалӣ, меъмориву шаҳрсозӣ ба миён овард ва самти ягонаи сиёсати меъмориву шаҳрсозиро дар ҳудуди қаламрави азими давлати шуравӣ, ки дар тӯли 70 соли давлатдории Шӯравӣ мавҷудият дошт, куллан таъғир дод.

Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як давраи масъулиятноки ташаккули меъмории муосир – дар давраи ҷустуҷӯи фаъоли ҳувияти миллӣ дар меъморӣ ва ҳамбастагии меъморӣ ва санъати монументалӣ сурат гирифт. Ва акнун, дар замони Навтарин, дар солҳои 90-уми асри XX дар меъмории Ҷумҳурии Тоҷикистон равияҳо ва самтҳои гуногуне аз ҷиҳати ҷустуҷуи асолати миллӣ, омезиши анъанот ва унсурҳои замонавӣ дар таҷрибаи бунёди даҳаи охири қарни гузашта зуҳур ёфтанд.

Яке аз самтҳо дар даҳаи охири асри гузашта аз ҳама беш маъруфият пайдо кард ва ин ҳам тавассути дарки мушкилоти меъморӣ, ҷустуҷӯи заминаи муштарак барои зуҳуроти муосиру анъанавӣ ба амал омад.

***3.2. "Хусусиятҳои таомули меъморӣ ва санъати монументалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи 30 соли Истиқлолият".***

Дар ибтидои солҳои 2000-ум дар лоиҳаҳои меъморони пойтахт (ва меъморони Хуҷанд низ) дар зоҳири биноҳои ҷадид майли инъикоси на фақат анъанаҳои маҳаллӣ, балки классикии аврупоӣ ҳувайдо мешавад .

Дар даҳаи аввали асри XXI шаҳрҳои Тоҷикистон ба туфайли бунёди биноҳое, ки дар пайравӣ ба равияҳои авангардии меъмории ҷаҳонӣ бино гардиданд, ҳар чӣ бештар симои муосир пайдо мекунанд.

Маҳз ҷустуҷӯҳои фаъол дар охири солҳои 80-90-уми асри XX ва ибтидои асри XXI ояндаи меъморӣ ва шаҳрсозии ҷумҳуриро ба намо медароранд, чунки ин ҷо тамоюли дар меъморӣ зоҳир намудани тааллуқ ба як фарҳанги миллии хос аён ба назар мерасад.

Воқеан ҳамин омилҳо пас аз сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ба муддати тӯлонӣ аз амал боздошта шуданд ва тӯли солҳои 1992-1998 ба хуруҷи мутахассисони баландихтисоси соҳаи лоиҳакашӣ ва сохтмон аз ҷумҳурии ҷавони соҳибистиқлол сабаб гардиданд.

Ҷумҳурӣ, ки ноустувории сиёсӣ, душвориҳои моддиву иқтисодиро аз сар мегузаронд, муддати тӯлонӣ натавонист тамоми соҳаи сохтмону бинокориро, ки то охири солҳои 90-ум дар буҳрони амиқ қарор дошт, аз нуқтаи сокит биҷунбонад.

Ин дар навбати худ, ба таназзули соҳаи лоиҳакашӣ, паст шудани нуфузи касбҳои меъморӣ, тарҳкашӣ ва бинокорӣ гардид.

### *3.3. Анъана ва ҳунарҳои муосир дар санъати монументалӣ (дар мисоли кандакории рӯи чӯб дар Тоҷикистон).*

Дар банди сеюми боби мазкур санъати кандакории рӯи чӯб, ки суннати куҳани тоҷик ба шумор меравад, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Маҳз дар ҳамин асос ба санъати кандакории рӯи чӯб дар Суғд ва Истаравшан, ки ҳакокиҳои чӯбии шигифтангези замони ибтидои асримиёна муаррифи онанд, назарандозӣ мешавад. Ин санъати баланд ба шарофати муттасилӣ мутассил дар давоми ҳазорсолаҳо ҳифз шуда дар меъмории халқӣ дар шакли намобандии замонавӣ зинда мондааст ва аз усулҳои пешоҳанг ғанӣ гардида ҳалли масъалаҳои нави бадеии худро ёфта истодааст.

Яке аз аввалину барҷастатарин ҳамкории меъморони касбӣ бо ҳунармандони халқӣ дар соли 1955 ум дар сохтмони Қасри маданияти колхози ба номи Ӯрунхоҷаеви шаҳри Хуҷанд ба амал пайваст.

Пас аз ин, боз биноҳои зиёди азим дубора барқарор гардиданд, ки дохили онҳоро устодони халқӣ рангубор ва ороиш додаанд.

Пас аз барқарор гардидани Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.1991) иттиҳоди ҳунармандони мардумӣ, санъаткорони монументалист ва меъморони муосир ба савияи баландтар ноил гардиданд. Чойхонаҳои нав, марказҳои фароғатӣ, биноҳои қасрмонанд исботи суханони болоанд.

Яке аз аввалин намунаҳои бомуваффақи эҷоди муштараки меъморону ҳунармандони санъати халқии ороишӣ-амалӣ - ин маркази миллии ҷамъиятӣ ва савдои «Ориёно» бо чойхона барои 200 ҷойи нишаст дар шаҳри Исфара мебошад, ки соли 2000-ум сохта шудааст (сармеъмори лоиҳа Б. Юсупов, сармуҳандиси лоиҳа А. Сатторов).

Дигар як иншооти на кам ҷолиб, ки анъанаҳои ҳамешазиндаи замони гузаштаро таҷассум кардааст, чойхонаи миллӣ дар маркази маъмурии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон шаҳри Хоруғ мебошад. Он солҳои 2009-2010 сохта шуда, дар канори ду рӯдхона – Ғунд ва Шоҳдара дар ҳудуди яке аз баландтарин боғҳои ботаникии Осиёи Марказӣ ҷойгир аст.

Бешубҳа, ифтихори шаҳри Данғара чойхонаи миллии «Хуррамшаҳр» (муаллиф, сармеъмори лоиҳа С. Азизов, саримуҳандиси лоиҳа Х. Фозилов) мебошад, ки дар қисми ҷанубу шарқии боғи маркази шаҳр ҷойгир аст.

### *3.4. “Таҷрибаи лоиҳакашӣ ва сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соҳибихтиёрӣ дар соли 1991.”*

Дар банди чорум иморату иншоотҳое баррасӣ мешаванд, ки вижагиҳои нотакрор ва асолати хос доранд ва онҳо чун чеҳраи давлати тоҷикон, “варақаи боздид” дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбанд. Аз ин лиҳоз асарҳое, ки дар офариниши онҳо омезиши санъати монументалӣ ва меъморӣ истифода шудааст ва яке аз онҳо маҷмааи меъморӣ – муҷассамавӣ ва комплекси ёдгории Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистонро дар майдони асосии ш. Душанбе - Дӯстӣ бо портрети пайкаравии Исмоили Сомонӣ мебошад, муфассал мавриди муоина қарор ёфтаанд.

Ин маҷмаа яке аз аввалин кӯшишҳо дар муайянкунии раҳнамудҳои нав дар кушоиши гиреҳи бузурги шаҳрсозӣ дар майдони асосии пойтахт аст.

Яке аз биноҳои барҷастаи аввали асри XXI Қасри Миллат аст, ки ҳамчун қароргоҳи расмии сарвари давлати Тоҷикистон дар пойтахти Тоҷикистон барои баргузории воҳӯриҳои расмӣ пешбинӣ шудааст. Композитсияи ҳаҷмӣ-фазоии ин иншооти барҷаста, ки ғояи ягонагии анъанаҳои Шарқу Ғарб, инчунин давомнокӣ онҳоро таҷассум мекунад, низ сазовори назарандозӣ гардидааст.

Яке аз хулосаҳои асосии боби сеюм ин аст, ки дар меъморӣ ва санъати монументалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири солҳои 90 ум то с. 2021 афзудани шавқу ҳавас нисбати тисоли биноҳо ва мероси гузаштагон муоина мешавад.

Боиси қайд аст, ки меъмории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо фарҳангҳои кишварҳои ҳамсоя, дар мавриде, ки ҳамгироӣ ба равандҳои ҷаҳонӣ ба амал меояд, рушд мекунад. Дар ин раванд ба таҷрибаҳои омӯзиши муҳит назарияҳои нави меъморӣ-шаҳрсозӣ ва технологияҳои муосир ворид мешаванд.

## ХУЛОСА

Ҳамин тариқ, дар рисолаи илмӣ баррасӣ шудани масъалаҳои навоварӣ ва давомнокӣ анъанаҳо дар меъморӣ ва санъати монументалии Тоҷикистон дар давраи қадиму асримиёнагӣ ва тӯли 91 сол (сс.1924-2021) албатта, бидуни истифодаи маводи таърихӣ ғайри имкон мебуд. Ва ин боасос аст, зеро насли имрӯзаи меъморон бояд донад, ки чӣ гуна дар тӯли ҳазорсолаҳо тавассути давомнокӣ ва тамдиди анъанаҳо намудҳои меъмории халқӣ дорои шаклу мазмун гардиданд.

Дар беҳтарин ёдгориҳои меъмории тоҷик на танҳо манфиатҳои табақаҳои хукмрони ғуломдор ё феодалӣ, балки завқи бадеии меъморон ва орзую умеди халқ низ инъикос ёфтаанд.

Омӯхтани анъанахои меъмории халқӣ барои оқилона истифода бурдани маводҳо ва воситаҳои меъморию бадеии маҳаллӣ ёрӣ мерасонад, ки ин дар навбати худ ба биноҳо ҳусни хоса бахшида, ба паст кардани арзиши сохтмон ва беҳтар намудани сифати он имконият ва шароитҳо фароҳам меоварад.

**Натиҷаҳои асосии илмии рисола.**

Натиҷаи умумии таҳқиқотро оиди навоварӣ ва давомнокӣ анъанаҳо дар меъморӣ ва санъати монументалии Тоҷикистон (сс.1924-2021) ҷамъбаст намуда, теъдоде аз муқаррароти асосиро метавон махсус қайд намуд:

1. Минтақаи Осиёи Марказӣ бо давомнокӣ анъанаҳои фарҳангӣ-бадеаш тавсиф ёфта ҳамзамон дорои хислатҳои мушаххасест, ки байни санъату меъмории ӯ ва санъати антиқаи сокинони куҳани қаламрави ҳозираи Осиёи Миёна ва санъати исломии Шарқи Миёна дар давраи тараққиёт ва охири асрҳои миёна фарқ мегузоранд [8-М].

2. Мактабҳои устодони қисми миёнагии Осиё санъату меъмории замони худро ғанӣ гардонида, анъанаҳои маҳаллии омезиши санъатҳои пластикиро бо аломатҳои хос ва вижагиҳои сабк ба миён оварданд [5-М; 9-М].

3. Беҳтарин анъанаҳои меъмории ороишии миллӣ муддати дуру дароз ба туфайли идомаёбии анъанаҳои Эрони ҳахоманишин зинда монданд [7-М; 8-М].

4. Равобит ва нуфузи тарафайни халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, Қафқоз ва Шарқи хориҷӣ аз замонҳои қадим боиси идомаи анъанаҳои меъморӣ, шаҳрсозӣ ва санъат гардиданд, ки асоси навоварӣ дар меъмории замони гузашта шуданд [5-М].

5. Меъмории Тоҷикистон дар солхои Ҳокимияти Шӯравӣ се марҳилаи тараққиётро паси сар кардааст:

- марҳилаи якум (солҳои 1917—1930) - оғози худмуайянкунии миллии роҳи нави инкишофи меъморӣ ва санъати муосир;

-марҳилаи дуюм (солҳои 1930-1950) - ташаккули раванди созандагӣ (солҳои 1930-1935) ; ташаккули услуби нав дар асоси таваҷҷуҳи меъморӣ ва санъат ба услуби классикии аврупоӣ дар омезиш бо тасвирҳои ороишии миллӣ (солҳои 1935-1955);

-марҳилаи сеюм (миёнаи солхои 50-ум - нимаи дуюми солхои 80-ум) он боз ба се давраи дохилӣ тақсим мешавад: охири солхои 50-у ва солҳои 60-ум: ҷустуҷӯи роҳҳои нави меъморӣ дар асоси саноатикунонии сохтмон; охири солҳои 60-ум ва солҳои 70-ум: ҳукмфармоии саноатикунӣ, тасниф ва меъёр дар меъморӣ ва сохтмон; солҳои 80-ум аввали солҳои 90-ум: фаҳмиши эстетикии эҷодиёти меъморӣ, майл ба тасвири баланди меъморӣ [2-М; 5-М].

6. Давомнокӣ анъанаҳо дар меъморӣ ва санъати Тоҷикистон ҳамчун маҷмӯи равишҳои гуногуни эҷодӣ дар масъалаи аз худ кардани мероси гузаштагон инкишоф меёбад:

- солхои 1917—1930 — таваҷҷуҳ ба таҷрибаи ҳунармандони халқие, ки нигаҳдорандаи анъанаҳои гузашта буданд;

- солхои 1930—1935 - шикастани анъанаҳо ва кӯшиши пайдо кардани намуди биноҳо дар шаклҳои оддии меъморӣ (конструктивизми дер);

- соли 1938 -нимаи солҳои 50-ум – таваҷҷуҳ ба омезиши шаклҳои классикии меъмории аврупоӣ бо санъати ороишӣ миллӣ;

- охири солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 90-ум - ҷустуҷӯи дақиқонаи манбаъҳои меъмории миллӣ ва таваҷҷуҳ ба анъанаҳои гузашта [2-М].

7. Меъморӣ ва санъати монументалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири солҳои 1990 ва то соли 2021 бо афзудани таваҷҷуҳ ба хушнамудии биноҳо ва суннатҳои меросӣ қайд мешавад. Дар ин марҳила зарурати донистани воқеияти қонунии шаклгириву тамсили меъморӣ ба миён меояд [3-М; 8-М].

8. Дар охири солҳои 90-уми асри XX ва даҳсолаҳои аввали асри XXI дар фазои эҷодии кишвар мафҳуми меъморӣ ҳамчун як низоми объектҳои моддӣ муаррифӣ мегардад, ки дар натиҷаи азхудкунии муҳити муайяни табиӣ-ҷуғрофӣ, сохтори иқтисодӣ, шароитҳои таърихиву суннатҳои мардумӣ дорои маҷмуи сифатҳои пойдор гардидааст. Ин самти меъмориро мебоист меъмории минтақавӣ номид [5-М].

9. Меъмории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо фарҳанги давлатҳои ҳамсоя инкишоф ёфта ба равандҳои ҷаҳонии ҳамгирой пайваст мешавад ва дар таҷрибаи тавсиаи муҳит назарияҳои нави меъморӣ-шаҳрсозӣ ва технологияҳои муосирро татбиқ менамоянд [6-М; 9-М].

10. Ҷустуҷӯи нодири услуби миллӣ дар меъмории иншооти ҷамъиятӣ ба ташаккули ҷараёнҳо ва мактабҳои гуногуни эҷодӣ, ки ба истифодаи анъанаҳои бойи гузашта асос ёфтаанд, оварда расонд. Як самт аз такрори мустақими анъанаҳои миллӣ даст кашида, ба технология ва конструксияҳои муосир рӯй меоварад. Дигар имкониятҳои синтези анъанавӣ ва муосирро дар меъморӣ меомӯзад. Ин таҷрибаи эҷодӣ дар навбати худ ба ду мактаб тақсим шуд: яке аз онҳо ба тасаввуроти бадеӣ дар бораи шаклҳои анъанавии меъморӣ нигаронида шудааст [5-М].

11. Аз охири солҳои 80-уми асри гузашта ва оғози ҳазор солаи нав дар Тоҷикистон муроҷиат ба хосияти минтақавӣ, анъанаҳои маҳаллии фарҳанги тоҷикӣ, эҳё ва омӯзиши хусусиятҳои минтақавӣ ва фарҳанги анъанавии халқҳо дар қаламрави давлат сурат мегирад [4-М].

**Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳо:**

1. Хусусиятҳои минтақавии муҳити меъморӣ-фазоӣ дар шароити Тоҷикистони муосир дар натиҷаи ҳамоҳангии омилҳои фаъолияти касбии мутахассисон шакл мегиранд.

2. Меъморӣ ва санъати миллӣ бояд тамомияти бадеӣ ва ҳамоҳангии муҳитро тавассути муттаҳид кардани равандҳои фардикунонӣ ва ҷаҳонишавӣ дар эҷодиёти муосир барқарор кунанд.

3. Мисолҳо аз таҷрибаи сохтмони биноҳо ва иншоотҳо дар давоми 60 соли охир, ки ба синтези таърихшиносии танқидӣ ва минтақадорӣ дар шароити Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд, инҳоянд: чойхонаи "Роҳат" (1958-59); биноҳои маъмурии КДАМ ҶТ ва ВКД ТҶ дар кӯчаи Дзержинский ш.Душанбе (1980-ум); Маркази Исмоилия дар Шаҳри Душанбе, 2006 ва ғайра.

4. Барои ба вуҷуд овардани меъморие, ки ба маънавиёти ҷомеаи демократии муосир мувофиқ бошад, мавҷудияти озодии ғояҳои эҷодӣ, сулҳу субот, ки мусоидгари табодули фаъоли иттилоот дар миқёси ҷаҳонӣ тавассути компютеризатсияи тамоми соҳаи тарроҳӣ ва истеҳсолоти сохтмонист, ҳамчунин фаъолияти меъморони соҳибихтисос ва хушсалиқа, ки ба озмоишу таҳқиқҳои илмӣ ва ба гирифтани дарси ибрат аз гузашта омодаанд, зарур аст.

5. Дар меъморӣ минтақа бо такрори оддии шаклҳои таърихӣ ё бадеии онҳо, инчунин усулҳои сохтмони гузашта маҳдуд намешавад. Ҳангоми ташаккули меъмории миллӣ таҳлили интиқодии таърихи меъмории маҳаллӣ, тафсири эҷодии ин таърих, инчунин таваҷҷӯҳ ба робитаи байни консепсияҳои "минтақадорӣ" ва таърихнигории нав талаб карда мешавад.

6. Меъморони таҷрибадори ҷумҳурӣ вазифадоранд, ки меъмории Тоҷикистони ояндаро бо равиши тозаи эҷодӣ, самимият ва масъулияти амиқ барои тақдири ҳувияти меъмории миллӣ ташаккул диҳанд. Ин ҳувият бояд нодир бошад, на ба тамоюлҳои муваққатии мӯд дар соҳаи меъморӣ, балки ба намуди беназири худ тобеъ бошад.

**Мазмуни асосии рисола дар нашрияҳои зерини муаллиф инъикос ёфтааст:**

***Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои пешниҳодкардаи КОА-и назди Президенти ҶТ чоп шудаанд.***

[1-М] **Джурахонов С.Ш.** Проблемы поиска национального своеобразия архитектуры Таджикистана в начале III тысячелетия [Текст] / С.Ш. Джурахонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия: История и археология - 2019. - № 6 728.03 (575.3) – С. 37-42.

[2-М] **Джурахонзода С.Ш.** Анализ практики проектирования и строительствамонументальных произведений архитектуры и искусства в годы советской государственности [Текст] / С.Ш. Джурахонзода // Вестник Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни Серия: История и археология. – 2022. - №4 (99). – С. 295 - 302.

[3-М] **Джурахонов С.Ш.,** Мукимов Р.С, МамаджановаС.М.Проблемы развития архитектуры и монументального искусства Таджикистана в годы независимости // Политехнический вестник. Серия Инженерные исследования. – 2018. – № 4 (44) – С. 206-210.

[4-М] **Джурахонов С.Ш.,** МукимовР.С., Шерматов М.У. Традиции организации внутреннего пространства жилищ в народном зодчестве Таджикистана [Текст] / С.Ш. Джурахонов // Вестник КРСУ (Кыргызско – Российского Славянского Университета). -2018.- Том 18. - № 8. - С. 116 – 120.

***Монография:***

[5-М] **Джурахонов С.Ш.,** Мукимов Р.С. Преемственность и инновации традиций в архитектуре и искусстве Таджикистана (1924-2015 гг.). // Монография. – Душанбе: ТТУ им. акад. М.С.Осими, 2018. – 163 с., 189 ил.

***Мақолаҳо дар маводҳои конфренсияҳо:***

[6-М] **Джурахонов С.Ш,** Мукимов Р.С. Проблемы и перспективы устойчивого развития горных регионов [Текст] / С.Ш. Джурахонов // Материалы междун. научно-практич. конфер. «Опыт, проблемы и перспективы повышения качества строительных работ на основе лучших отечественных и зарубежных практик». - Часть 1. – Душанбе - 2018. – С. 77-85.

[7-М] **Джурахонзода С.Ш.** Материалы Международной научно-практической конференции [Текст] / С.Ш. Джурахонзода // "Архитектура и градостроительство Таджикистан: Вчера, сегодня, завтра" //Синтез искусств и архитектуры в средневековье на территории распространение таджикского народа Душанбе, 2022. – С. 18-21.

[8-М] **Джурахонзода С.Ш.,** Шарифзода Д. Культурное взаимодействие народовв исторических прошлых странах Центральной Азии [Текст] / С.Ш. Джурахонзода, Д. Шарифзода // Материалы Международной научно-практической конференции "Архитектура и градостроительство Таджикистана: Вчера, сегодня, завтра". Душанбе, 2022. – С. 21-23. .

[9-М] **Джурахонзода С.Ш.** Искусство как эстетический феномен [Текст] / С.Ш. Джурахонзода // Национальная академия наук Таджикистана. Институт изучения проблем стран Азии и Европы. / научный журнал: АЗИЯ И ЕВРОПА РТ. № 3 (15). - Душанбе-2023. – С.182 - 186.

## АННОТАЦИЯ

**диссертации Джурахонзода Сироджиддин Шамсулло «Преемственность и инновации традиций в архитектуре и монументальном искусстве Таджикистана 1924-2021 гг. », представленной на соискание ученой степени кандидата архитектуры по специальности 05.23.20 - Теория и история архитектуры, реставрация и реконструкция историко-архитектурного наследия**

**Ключевые слова:** преемственность традиций, инновация в архитектуре, монументальное искусство, взаимовлияния в архитектуре, синтез искусств.

**Объект исследования:** натурные объекты –исторические здания и архитектурная среда городов и городков Таджикистана; проекты и осуществленные строительством комплексы и произведения монументального искусства на протяжении 1924-2021 гг.; литературные, архивные, картографические и другие источники.

**Цель работы:** изучить и выявить архитектурно-художественные традиции Таджикистана в 1924-2021 гг. в историко-архитектурном развитии, осмыслить творческие подходы к решению проблемы преемственности и инновации традиций в современной архитектуре и искусстве Республики Таджикистан.

**Полученные результаты и их новизна:** на основе анализа общих архитектурных и художественных принципов периода советской власти, а также после суверенизации таджикского государства выявлены преемственность и взаимодействие традиций в архитектуре и монументальном искусстве; дополнены изменения архитектуры и искусства с 1924 по 2021 гг.; введены в научный оборот неопубликованные и малоизвестные ранее архивные и графические документы советской архитектуры и искусства Таджикистана.

**Рекомендации по использованию:** Полученные результаты и материалы исследования использованы в научных работах по истории архитектуры и монументального искусства Республики Таджикистан, в подготовке учебно-методических пособий по вопросам использования национальных традиций в архитектуре и искусстве Таджикистана.

**Область применения:** Основные результаты диссертационной работы были приняты к реализации ГУП ПИТЛ “Душанбешахрсаз” и Государственным учреждением НИИ культуры и информации Республики Таджикистан, а также в учебном процессе Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими.

# АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Ҷурахонзода Сироҷиддин Шамсулло «Давомнокӣ ва навоварӣ дар анъанаҳои санъати меъморӣ ва монументалии Тоҷикистон дар солҳои 1924-2021)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси 05.23.20 – Назария ва таърихи меъморӣ, тармим ва бозсозии мероси таърихию меъморӣ.**

**Калимаҳои калидӣ:** давомнокӣ анъанаҳо, навоварӣ дар меъморӣ, санъати монументалӣ, таъсири мутақобила дар меъморӣ, омезиши санъат.

**Объекти таҳқиқот**: Объектҳои воқеӣ - биноҳои таърихӣ ва муҳити меъмории шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон; лоиҳаҳо ва маҷмааҳои ҳамчун осори санъати монументалӣ сохташуда дар давоми солҳои 1924-2021; сарчашмаҳои адабӣ, архивӣ, харитасозӣ ва дигар манбаъҳо; маълумот аз натиҷаҳои таҳқиқоти табиӣ-саҳроӣ дар ҶумҳурииТочикистон

**Мақсади таҳқиқот:** омӯхтан ва муайян намудани анъанаҳои меъморӣ-бадеии Тоҷикистон дар солҳои 1924-2021, дар раванди рушди таърихӣ -меъморӣ, таҳлили таҷрибаи меъморӣ–бадеӣ оиди шаклгирии биноҳои ҷамъиятӣ дар шаҳрҳои таърихӣ ва навбунёд.

**Натиҷаҳо ва навгонии илмии таҳқиқоти:** дар асоси таҳлили меъморӣ ва бадеии давраҳои давлатдории Шӯравӣ, соҳибихтиёрии Тоҷикистон маънои мафҳуми муттасилӣ таъсири тарафайн дар анъанаҳои меъморӣ ва санъати монументалӣ ба таври возеҳ шарҳ дода шуд; тағйирот дар рушди замонии меъморӣ ва санъат аз соли 1924 то соли 2021 такмил ва таҳлил шомил карда шудаанд.

**Тавсияҳо барои истифода:** Натиҷаҳои дар рисола омода таҳқиқоти мазкур доираи донишҳои илмиро оид ба меъморӣ ва санъати тасвирии Тоҷикистон васеътар менамояд. Маводҳои таҳқиқот бадастомада метавонанд дар корҳои илмӣ оид ба таърихи меъморӣ ва санъати монументалии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шавад.

**Соҳаи татбиқ:** Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ аз ҷониби КВД ПИТЛ “Душанбешаҳрсоз”, Муассисаи давлатии ПИТ фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳуҳурии Тоҷикистон, инчунин дар раванди таълими Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ барои амалӣ гардонидан қабул карда шуданд.

## ANNOTATION

**of the dissertation by Jurakhonzoda Sirojiddin Shamsullo "Continuity and Innovation of Traditions in Architecture and Monumental Art of Tajikistan (1924-2021)", submitted for the academic degree of candidate of architecture in the specialty 05.23.20 - Theory and history of architecture, restoration and reconstruction of historical and architectural heritage**

**Key words:** continuity of traditions, innovation in architecture, monumental art, mutual influence in architecture, synthesis of arts.

**Object of study:** natural objects – historical buildings and architectural environment of cities and towns of Tajikistan; projects and completed construction complexes and works of monumental art during 1924-2021; literary, archival, cartographic and other sources.

**Purpose of the work:** to study and identify the architectural and artistic traditions of Tajikistan from 1924 to 2021 in historical and architectural development, and to analyze creative approaches to addressing the problem of continuity and innovation of traditions in contemporary architecture and art in the Republic of Tajikistan.

**Results and novelty:** based on the analysis of general architectural and artistic principles during the Soviet period, as well as after the sovereignty of Tajikistan, continuity and interaction of traditions in architecture and monumental art were identified; changes in architecture and art from 1924 to 2021 were outlined; unpublished and previously little-known archival and graphic documents of Soviet architecture and art of Tajikistan were introduced into scientific circulation.

**Practical Significance of the research:** the results and materials of the study can be used in scientific works on the history of architecture and monumental art of the Republic of Tajikistan, as well as in the preparation of educational and methodological materials on the use of national traditions in the architecture and art of Tajikistan.

**Extent of use:** in order to identify the natural features of mutual influences and continuity of traditions of architecture and art.

**Scope of application:** The main results of the dissertation work were accepted for implementation by the State Unitary Enterprise PITL "Dushanbeshahrsaz" and the State Institution of the Research Institute of Culture and Information of the Republic of Tajikistan, as well as in the educational process of the Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi.

Подписано к печати _____.03.2025 г.
Формат 60x84 1/16. Бумага офсетная.
Тираж 100 экз.

---

Отпечатано в типографии ТТУ имени акад. М. С. Осими
г. Душанбе, 734042, пр. акад. Раджабовых, 10^А.